# ТАҚРИЗ

**ба автореферети диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)».**

Муаллиф дар қисмати муқаддимавӣ мубрамияти мавзуи таҳқикро асоснок намуда, қайд намудааст, ки барои дарки нисбатан васеи илмии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа ва вилоятҳои кишвар ба миён омад. Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба дастовардҳои беназир ноил гардида, тадриҷан ба яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати сиёсиву иҷтимоӣ фаъол, дар давраи гузариш аз иқтисоди нақшавии замони шуравӣ ба давраи нав – иқтисоди бозорӣ ва дар шароити бухрони сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои 90-ум мавқеи муҳимро ишғол намуд.

Мубрамияти таҳқиқи мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» боз дар он инъикос мёбад, ки он ба яке аз масълаҳои умдаи таърихи ватанӣ бахшида шуда, то кунун масъалаи матраҳшаванда, дар шакли як рисолаи илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ бидуни муболиға мавзуи мазкур мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, заминаи сарчашмавии таҳқиқот, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, асосҳои методологии рисола, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии диссертатсия муайян гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар боби якуми диссертатсия – **“Ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали замони соҳибистиқлолӣ”** муаллиф масоли дигаргуниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар охири асри XX ибтидои асри XXI мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия – **“Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ (солҳои 1991-2021)”** диссертант масъалаи пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳои онро дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор дода, масъаларо дар ин зербоб ба се марҳилаи алоҳида ҷудо менамояд. Инчунин дар боби мазкур тағйирот дар ҳаёти аграрии митақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф масъалаи таҳқиқшавандаро низ ба давраҳои алоҳида ҷудо намуда, ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия – **«Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ»** тағйирот ва комёбиҳо дар соҳаи маориф, инкишофи соҳаи тандурустӣ ва рушди фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи таҳқиқшаванда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, перомуни масоили матраҳшаванда хулосаҳои амиқи илмиро пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ таҳқиқ намуда, мавзуи интихобшуда дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Автореферат бо забони равони илмӣ таҳия гардидааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии диссертант ва қобилияти баланди таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад.

Хулоса, аз банду басти муҳтавои автореферат муайян гардид, ки диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1.– (Таърихи ватанӣ) иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.


**Муқарриз**
мудири кафедраи фанҳои
гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишкадаи
иқтисодиёти ҷаҳон ва дипломатияи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон н.и.т., дотсент Мирзоев М.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел.: (+992) 918-21-55-36
www.iutet.tj
E-mail: info@ iutet.tj


Тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрхо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
Соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

«6» 04 2026 г.